"Тасдиқ мекунам"
Раҳбари МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" доктори илми филология, профессор
_____ Низомӣ М. З.

«28» 10. соли 2022.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ба диссертатсияи Самадова Мавзуна Тағойевна дар мавзуи "Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Дар замони муосир адибоне ба майдони эҷод омадаанд, ки мактаби камолоти онҳо воситаҳои ахбори омма ба шумор рафта, тавассути он осореро ба мерос гузоштаанд, ки ҷанбаи публитсистиро соҳибанд. Тӯлқин Хоҷа низ аз зумраи ҳамин адибон дониста мешавад, ки бо робитаи зич дар матбуот ба ҳақиқату воқеияти ҳаёт нигариста, бо андешаву афкори хеш ба ҷузъиёти гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ баҳогузорӣ намудааст. Аз ин ҷиҳат таҳқиқи публитсистикаи Тӯлқин Хоҷа аз мавзуоти таҳқиқотӣ ба шумор рафта, дар ин самт рисолаи илмии Мавзуна Самадова мақом, нақш ва ҷойгоҳи адиби публитсистро дар журналистика муайян карда метавонад.

Муаллифи рисолаи илмӣ навгонии таҳқиқро бо он асоснок намудааст, ки бори нахуст махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа ҳамчун публитсисту адиби воқеанигор пажӯҳиш мегардад. Муайян намудани вижагиҳои осори адиб дар доираи масъалаҳои публитсистикашиносии тоҷик иқдоми нав ба шумор меравад. Таҳқиқоти мазкурро метавон ҳамчун мавод барои фанни асосҳои фаъолияти эҷодии

журналист, назарияи публитсистика, маҳорати нигорандагӣ ва курсҳои махсусу дарсҳои интихобӣ истифода намуд. Ҳамзамон дар асоси он таҳияи дастури таълимии мушаххас имконпазир аст. Диссертатсияи мазкур, ки дар такя ба сарчашмаҳои муътамади назариявӣ ва илмӣ таҳия гардидааст мутобиқ ба фазои илми публитсистикаву журналистикаи тоҷик мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёту сарчашмаҳо иборат мебошад.

Боби аввали диссертатсия "Махсусиятҳои мундаричавию ғоявии насри публитсистии Тулқин Хоҷа" унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Фасли якуми боб "Назаре ба зиндагии Тӯлқун Хоҷа ва шинохти ӯ ҳамчун адиби публитсист" ном гирифта ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Тулқин Хоҷа бахшида шудааст. Муаллифи рисола ба хулосае меояд, ки фаъолияти нигорандагии Тӯлқун Хоҷа аз нимаи дуюми солҳои ҳафтодуми асри гузашта оғоз гардида, ба назм ва фаъолияти рӯзноманигорӣ пардохтани ӯ ба як давра хос мебошад. Ба сифати мухбири ғайриштатии рӯзномаи "Симои Данғара" ("Навобод") ва мухбири ғайриштатии рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" фаъолият намудани адибро зикр намуда, дар давраҳои гуногун ҳамкориҳои ӯро бо телевизионҳои "Хатлон" ва "Тоҷикистон" зикр менамояд. Дар доираи мухтасар дар нашрияҳои вилоятии "Роҳи ленинӣ", "Тоҷикистони советӣ", "Комсомоли Тоҷикистон", "Симои Данғара" ("Навобод"), "Садои мардум", "Ҷавонони Тоҷикистон" ва "Адабиёт ва санъат" ба нашр расидани матолиби адиб таъкид мегардад.

Дар фасли дуввуми ин боб – "Масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ" муаллифи диссертатсия ба масъалаҳои некӯаҳволии зиндагии халқ рӯ овардани публитсистро таъкид менамояд.Ба андешаи муаллиф таваҷҷуҳи Тӯлқин Хоҷаро масъалаҳои заминдориву кишоварзӣ, ободонию созандагӣ, таъминоти оби ошомиданӣ, обёрии заминҳо, азхудкунии заминҳои водии Данғара, бунёди боғҳову зироаткорӣ ҷалб

намудааанд. Бо таҳлилу пеш овардани лавҳаву мақолаҳои “Данғара – ғарами дон” («Ҷавонони Тоҷикистон», 2011, 7 июл), “Аз пахтакорӣ ба некӯаҳволӣ” (“Симои Данғара”, 2004, 26 июн), “Оянда аз ояндабинҳост” (“Симои Данғара”, 2005, 24 октябр), “Данғара: марҳалаи нави обёриву ободонӣ” (“Ҷумҳурият”, 2011, 14 май) ва монанди ин муаллифи рисолаи илмӣ ба чунин хулоса меояд, ки дар фаъолияти рӯзноманигориву публитсистии Тӯлқин Хоҷа ягонагиву такрори объект ва мавзуъ бештар мушоҳида мегардад.

Дар фасли сеюми боби якум “Муносибати адиб ба мавзуоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангу маориф” муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса меояд, ки Тӯлқин Хоҷа дар кори эҷодӣ ба масъалаҳои муҳими иҷтимоиву сиёсӣ пеш аз ҳама аз дидгоҳи мушоҳида муносибат мекунад. Дар эҷоди Тӯлқин Хоҷа масъалаи худшиносии миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, созандагиву назари нек, маърифату маънавиёти ҷомеа ва дигар ҷузъиёти вобаста ба ин муҳимтарин мавзуоти баррасишаванда ба назар мерасанд.

Боби дуюми диссертатсия – “Бозтоби авзои замон, муаммоҳои ҳаёт ва ҳақиқати зиндагӣ дар назми иҷтимоии адиб” низ аз се фасл иборат буда, дар он ба назми иҷтимоии Тӯлқин Хоҷа дахл карда шудааст. Дар фасли якуми ин боб “Инъикоси масъалаҳои ватандӯстӣ ва тараннуми дигар оҳангҳои иҷтимоӣ” таҳқиқу баррасии осори публитсистии ба мавзӯъҳои ватандӯстӣ бахшидашудаи адиб таҳқиқ гардидааст. Рисоланавис ба хулоса омадааст, ки Тӯлқин Хоҷа ҳамчун публитсисти ҳақиқатнигор андешаву афкори худро дар қолаби назм ифода карда тавонистааст. Мавзуъҳои маънавиёту фарҳанг, иқтисодиёту сиёсат, диёру зодгоҳ, садоқату меҳнати софдилона, нақши инсонҳои бунёдкор, симои афроди қаллобу фиребгар ва монанди ин дар назми адиб чун мақолаву очеркҳояш қариб яксон баррасӣ гардидааанд. Чунин мазмунҳоро дар шеърҳои «Кӯҳистон», «Фотиҳа», «Бекас», «Дузах», «Сирри халқ», «Синдбод», «Тарсу», «Накӯҳиш», «Хома», «Назарбаланд», «Зиндагонӣ», «Устод», «Ватанам», «Русто», «Омӯзгор»,

«Падар», «Ҳасад», «Биҳиштӣ», «Мансаб», «Ҳақталош» ва ғайра зикр гардидааст.

Дар фасли дуюми ин боб "Мазмунҳои ғоявӣ дар офариниши образи публитсистӣ" муаллифи диссертатсия ба масъалаи портретсозии адиб дар назми иҷтимоӣ дахл намудааст. Ба хулосаи диссертант Тӯлқин Хоҷа бо таҷассуми симоҳои гуногуне, ки воқеӣ мебошанду типпишуда нестанд, тавонистааст, ки мақсаду маромиҳудро аз чандин паҳлӯ ифода намояд. Тавсифу таҳсин ва танқиду мазаммат унсурҳои аслие мебошанд, ки дар доираи онҳо мавқеи адибро нисбат ба муҳити атроф нишон медиҳанд.

Дар фасли сеюми боби дуюм "Маърифати ҷомеа ва арзишҳои маънавии зиндагӣ дар осори манзуми адиб" муаллифи рисола масъалаҳои омӯзишу маърифатро танҳо дар доираи назми иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, ба хулоса омадааст, ки дар шеъри иҷтимоии Тӯлқин Хоҷа баррасии ин масъала ба ду омил – мухбири рӯзнома ва омӯзгори русто будани адиб робитаву алоқамандӣ пайдо кардааст. Маълум мешавад, ки бо қиёси замонҳо Тӯлқин Хоҷа доир ба қадру манзалати костаи муаллим дар ҷомеа ишораҳову таъкидҳои қатъӣ намудааст. Аз паҳлуи дигар бошад, адиб аз неруи бузургу созандаи маънавиёту маърифати ҷомеа ёдовар мешавад, ки аҳли зиё ҳамеша дар бунёди ҷомеа пештоз мебошад.

Боби сеюми диссертатсия "Таносуби бадеияту воқеият ва доираи қолабҳои жанрӣ дар осори адиб" рисоланавис масъалаҳои маҳорати эҷодӣ ва истифодаи жанрҳои публитсистиро дар осори адиб таҳқиқ намудааст. Дар фасли якуми ин боб "Маҳорати образофаринӣ ва санъатҳои тасвири бадеӣ дар осори воқеъгароёнаи Тӯлқин Хоҷа" муаллифи рисола унсурҳои ҷолибсозӣ ва маҳорати эҷодии адибро дар баёни ҳадафу маромиҳо пешгузошташуда мавриди таҳлилу баҳогузорӣ қарор дода, ба хулоса омадааст, ки Тӯлқин Хоҷа адиби ҳамабине мебошад ва дар пешниҳоди матлаб аз баёнҳои хушку якнавохт истифода

накарда ва эҷодиёташ дар навбати аввал нақлҳои содаи оммавиятдоштаи воқеиятдошта мебошанд, ки ҳамчун унсур ва ҷузъиёти муҳими публитсистӣ диққати хонандаро ҷалб карда метавонанд.

Дар фасли дуюми боби мазкур "Қолабҳои жанрии публитсистикаи адиб" диссертант кӯшиш кардааст, ки қолабу истифодаи жанрҳои публитсистиро дар осори Тӯлқин Хоҷа нишон диҳад. Чунин мазмуне дар ин фасл ба назар мерасад, ки публитсист дар қолаби жанрҳои ахборӣ низ ҳунари тасвиргароии худро истифода намудааст. Дисертант мақоларо дар публитсистикаи ин адиб яке аз жанрҳои меҳварие медонад, ки муаллиф дар ҳошияи факту рақамҳо андешаҳои муҳиму мубрамро хеле ҷолиб матраҳ менамояд. Аз таҳлилу таҳқиқи унвонҷӯ бармеояд, ки дар баробари жанрҳои таҳлиливу ахборӣ дар эҷоди Тӯлқин Хоҷа жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ, аз ҷумла, танқидиву ҳаҷвӣ низ кам нестанд. Дар ин маврид луқма, лавҳа, очерк, фелетон, памфлет аз жанрҳое дониста мешаванд, ки Тӯлқин Хоҷа аз онҳо истифода намудааст.

Хулосаи диссертатсия дар 11 банд ҷамъбаст гардида, натиҷагириҳои муаллифи диссертатсияро дарбар гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур арзиши хуби илмӣ дошта, ҷавобгӯ ба талаботи муқараргардида мебошад.

Дар диссертатсия баробари комёбиҳои илмию таҳқиқотӣ баъзе норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки бартараф кардани онҳо ба манфиати кор хоҳад шуд:

1. Фасли дуюм ва сеюми боби якуми диссертатсия аз рӯи мазмун ба ҳамдигар наздик буда, беҳтар мебуд, ки дар як фасл зери унвони "Осори публитсистии адиб доир ба мавзуоти иҷтимоию сиёсӣ" ҳаллу фасл мегардид.

2. Се фаслҳои боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ мазмунан ба ҳамдигар наздиканд бинобарон хуб мешуд, ки он дар ду фасл баррасӣ мегардид. Умуман ба назари мо рисолаи диссертатсионии мазкур дар

ҳудуди ду бобу чор фасл таҳқиқи илмӣ мегардид, баъзе такрорҳои маводи таҳқиқшаванда ва андешаҳои илмӣ бартараф мегардиданд.

3. Беҳтар мебуд, ки боби сеюми диссертатсия "Таносуби истифодаи жанрҳои журналистика ва адабиёт дар эҷодиёти Тӯлқин Хоҷа" номгузорӣ мегашту дар ду фасл яке ба истифодаи жанрҳои журналистика дар асарҳои насрӣ ва дигаре ба истифодаи жанрҳои адабиёт дар асарҳои назмии Тӯлқин Хоҷа бахшида мешуданд.

4. Дар таҳияи рисолаи илмӣ дар баробари услуби илмӣ услуби журналистӣ низ истифода бурда шудааст, ки он хоси таҳқиқоти илмӣ нест.

5. Дар диссертатсия хатоҳои грамматикӣ, услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад буд.

Норасоиҳои номбар кардашуда ислоҳпазир буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷх арзиши илмии рисоларо намекоҳонанд. Рисолаи диссертатсионии Мавзуна Самадова таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, автореферат ва мақолаҳои ба чоп расида мазмуни рисоларо бо пуррагӣ ифода мекунанд.

Диссертатсияи илмии Самадова Мавзуна ТаҒойевна дар мавзуи «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариву амалиаш ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати

Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» (21 октябри соли 2022, суратҷаласаи №1) муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд:

11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва
санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо
Турсунзода» Мирзода З. Қ.

Эксперт:
доктори илми филология, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион ва
радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов З.

Котиби илмии ҷаласа:
омӯзгори калони кафедраи
журналистикаи телевизион ва
радиошунавонии МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Абдуллоева А. Н.

Имзоҳои Мирзода З.Қ., Муъминҷонов З.,
Абудллоева А. Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо
Турсунзода» Ҳамидова З. Ҳ.
«28» 10 соли 2022

Суроғаи муассисаи пешбар:
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а
Тел.: (+992 37) 231-18-27
E-mail: tajartins@andex.com.
Сомонаи расмӣ: www.ddst.tj